## СУРАТҶАЛАСАИ №9

аз ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и

**«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 3-юми январи соли 2023 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ 10 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи "Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи экспертӣ.

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкури рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар бораи қабули диссертатсияи ӯ барои баррасӣ шинос намуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Ҳамробоев Н.А. гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Дадобоева Муслима Бахтиёровна – автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Дадобоева Муслима Бахтиёровна барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзуи “Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводҳои фанҳои биологӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Мухаметов Г.Б.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;
- **Файзиев И.Д.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Н.А.